**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

1.Дар низоми иқтисодии давлатҳои муосир унсури хеле муҳим ва зарурӣ низоми бонкӣ мебошад, ки солимии иқтисодиёти ҳар давлат бештар ба фаъолияти ин низом вобастагӣ дорад. Одатан аз сифати фаъолият ва шумораи бонкҳои амалкунанда фарҳанги иқтисодии давлатро баҳо медиҳанд. Фаъолияти низоми бонкӣ боиси бавуҷудоии муносибатҳои ҷамъиятии гуногун мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун танзимгари ин муносибатҳо хизмат мекунанд.

Бояд махсус қайд намуд, ки ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар натиҷаи татбиқи бомароми ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ дар кишвар, заминаҳои меъёрии ҳуқуқии низоми молияи кишвар, бахусус фаъолияти бонкӣ тадриҷан такмил дода шуданд. Эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, инчунин гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ дар умум ба таъсис ва фаъолияти бонкҳои бо шаклҳои гуногуни моликият асосёфта боис гаштанд. Маҳз натиҷаи ин ислоҳот дар қонунгузории ҷиноятии соли 1998 криминализатсия намудани м. 263 КҶ ҶТ – «Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ» гардид, ки бахри ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти фаъолияти бонкӣ равона карда шудааст.

Таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки мавҷудияти меъёри махсус дар самти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии фаъолияти бонкӣ дар шароити инкишофи низоми бонкӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ зарур ва

муҳим мебошад. Ҳолатҳои зиёди ҳуқуқвайронкунӣ дар низоми бонкии кишвар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки назорати бонкӣ солҳои тӯлонӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошта, аз ин вазъ шахсони алоҳида сӯистифода намудаанд ва дар натиҷа ба иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар зарари зиёд расонида шудааст.

Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ на танҳо ба низоми бонкии кишвар, манфиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин давлат низ зарари ҷиддӣ расонида, низоми иқтисодиёти мамлакатро дар маҷмӯъ заиф мегардонад. Омӯзиш ва таҳлили вазъи ҷинояткорӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, бахусус фаъолияти бонкӣ дар як қатор консепсияҳои давлатӣ бевосита вазифагузорӣ гардидааст. Аз ҷумла, мутобиқи банди 6 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани амнияти шахс, ҳуқуқ ва озодии он, инчунин ҷамъият ва давлат аз таҳдиди бо ҷинояткорӣ алоқамандбуда ва дар ин замина ҳимояи муносибатҳои ҷамъиятии ҳаётан муҳим, махсусан дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ яке аз мақсадҳои асосии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст. Дар бандҳои 23-24 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки ба масъалаи сиёсати ҳуқуқии бонкӣ бахшида шудааст ба талаботи ҷомеа мутобиқ гардонидани қонунгузории амалкунанда, мукаммал намудани раванди назорати бонкӣ ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои бонкӣ чун мушкилоти рушди иқтисодиёти кишвар бевосита ишора шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ навгонии илмии кофӣ дорад, ки бо нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳод шуда собит мегардад. Онҳо барои мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ, методологӣ ва амалӣ доранд. Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии диссертатсия илман асоснок буда,

бодалелҳои муътамади назариявӣ, ҳуқуқӣ, оморӣ ва амалияи судиву тафтишотӣ мустаҳкам карда шудаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти 505 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Дар он масъалаи дорои аҳамияти илмӣ, методологӣ ва амалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳалли худро ёфтааст. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври фарох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 3-юми марти соли 2020, таҳти № 62 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад, Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27-уми апрели соли 2017, таҳти № 1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд, Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои

илмӣ(дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Азимзода Назир Бозор - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– Қудратов Некруз Абдунабиевич, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия - Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия-

Тоҷикистон (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Зоир Ҷ.М.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Сафарзода Ҳ.С.